Пешниҳоди лоиҳа барои баррасӣ

Аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби гирифтани тухфаҳо аз ҷониби ишғолкунандагони мансабҳои давлатӣ» таҳия гардида, он мувофиқи моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 21 феврали соли 2019, №11-349 барои баррасӣ ба вазорату идораҳо ирсол карда шудааст.

Ҳамзамон лоиҳаи мазкур бо забони тоҷикию русӣ ва асосноккунии он дар гушаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ-лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии сомонаи Агентии хизмати давлатӣ (www.ahd.tj) ҷиҳати шиносоӣ, омӯзиш ва ирсоли эроду пешииҳодоти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо новобаста аз тобеият ва шаҳрвандон ҷойгир карда шудааст.

Хоҳишмандем, баррасӣ ва эроду пешниҳодоти худро ба Агентии хизмати давлатӣ тариқи хаттӣ ё тавассути сомонаи мазкур тариқи электронӣ ирсол намоед.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

U

АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (99237) 2211249; 2248981; 2240274
Сомона: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: 01-3@ahd.tj; info07-@ahd.tj

№ 11-349 аз «21» февраля соли 2019
Ба №__________ аз «___» ____________ соли 20__

Вазорату идораҳо
(тибқи рӯйхат)

Мавзӯъ: Дар бораи пешниҳоди лоиҳа барои мувофиқа

Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби гирифтани туҳфаҳо аз ҷониби ишғолкунандагони мансабҳои давлатӣ»-ро мувофиқи моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия ва барои баррасӣ пешниҳод менамояд.

Хоҳишмандем, хулосаи худро дар мӯҳлатҳои муқарраргардида пешниҳод намоед.

Замима: Лоиҳа бо забонҳои тоҷикию русӣ, асоснокунии он, дар 11 саҳифа.

Бо эҳтиром,
директори Агентӣ Ҷ.Давлатов

Иҷрокунанда: Шарипов А.Н.
Тел.: 224-50-60

Лоиҳаи

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Қарор

Дар бораи Тартиби гирифтани тухфаҳо аз ҷониби ишғолкунандагони мансабҳои давлатӣ
090.020.030

Мувофиқи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва бо мақсади амалисозии банди 69 Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 тасдиқ шудааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1.Тартиби гирифтани тухфаҳо аз ҷониби ишғолкунандагони мансабҳои давлатӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2.Мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҳангоми гирифтани тухфаҳо аз ҷониби ишғолкунандагонии мансабҳои давлатӣ Тартиби мазкурро қатъиян риоя намоянд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Лоиҳа

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «__» ______соли 2019, №_____
тасдиқ карда шудааст

Тартиби
гирифтани тухфаҳо аз ҷониби ишғолкунандагони мансабҳои давлатӣ

1. Тартиби гирифтани тухфаҳо аз ҷониби ишғолкунандагони мансабҳои давлатӣ (минбаъд - Тартиб) қоидаҳои гирифтани тухфаҳоро аз ҷониби ишғолкунандагони мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, хизмати давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда ҳангоми чорабиниҳои протоколӣ, сафарҳои хизматӣ, дигар чорабиниҳои расмӣ, ки иштирок дар онҳо ба вазифаҳои хизматӣ ё иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ алоқаманд аст, инчунин супоридан ва баҳисобгирии тухфаҳоро муайян менамояд.

2. Барои мақсадҳои Тартиби мазкур мафҳумҳои зерин истифода мешаванд;

- тухфа - мукофоти аз ҷониби ишғолкунандаи мансаби давлатии ҳокимияти давлатӣ, хизмати давлатӣ ва мансабҳои ба он баробаркардашуда аз шахсони воқеӣ (ҳуқуқӣ) дар доираи иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва уҳдадориҳои мансабӣ гирифташуда, ба истиснои маводи конселярӣ, ки дар чорабиниҳои протоколӣ, сафарҳои хизматӣ ва дигар чорабиниҳои расмӣ ба хар як иштирокчии чорабиниҳои мазкур бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ (хизматӣ) супорида мешаванд, инчунин гулҳо ва савғои рамзӣ, ки ба сифати хавасмандгардонӣ дода мешаванд;

- ғирифтани тухфа дар чорабиниҳои протоколӣ, сафарҳои хизматӣ, дигар чорабиниҳои расмӣ, ки иштирок дар онҳо ба иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ (хизматӣ) алоқаманд аст - қабули тухфа аз ҷониби ишғолкунандаи мансаби давлатии ҳокимияти давлатӣ, хизмати давлатӣ ва мансаби ба он баробаркардашуда (минбаъд- химатчиёни давлатӣ) шахсан ё ба воситаи шахси воқеӣ (ҳуқуқӣ) дар доираи амалисозии фаъолият, ки санадҳои меъёрии хуқуқӣ ва ё дастурамалҳои мансабӣ пешбинӣ намудаанд.

3. Хизматчиёни давлатӣ ҳуқуқ надоранд аз шахсони воқеӣ (ҳуқуқӣ) вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ ё уҳдадориҳои мансабӣ тухфа гиранд, ба истиснои тухфаҳои дар чорабиниҳои протоколӣ, сафарҳои хизматӣ, чорабиниҳои дигари расмӣ гирифташуда, ки иштирок дар онҳо ба иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ (хизматӣ) алоқаманд аст.

4. Хизматчиёни давлатӣ уҳдадоранд дар доираи талаботи Тартиби мазкур тухфаҳоро вобаста ба чорабиниҳои протоколӣ, сафарҳои хизматӣ, дигар чорабиниҳои расмӣ, ки иштирок дар онҳо ба иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ (хизматӣ) алоқаманд аст, ба мақомоти давлатӣ,

мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти ҷойи кор (минбаъд мақомоти давлатӣ) супоранд.

5. Санади супоридани туҳфаи дар чорабиниҳои протоколӣ сафарҳои хизматӣ, дигар чорабиниҳои расмӣ гирифташуда, ки иштирок дар онҳо бо иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ (хизматӣ) алоқаманд аст (минбаъд - санад), мувофиқи замимаи 1 на дертар аз 3 рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани туҳфа ба муҳосиботи мақомоти давлатӣ (минбаъд - муҳосибот) супорида мешавад. Ба санад, дар сурати мавҷуд будан, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи арзиши туҳфа (расиди хазинавӣ, расиди молӣ, дигар ҳуҷҷати дахлдор) замима карда мешавад.

6. Дар ҳолате, ки туҳфа дар вақти сафари хизматӣ қабул шудааст, санад на дертар аз 3 рӯзи корӣ аз рӯзи баргаштани хизматчии давлатӣ аз сафари хизматӣ пешниҳод карда мешавад.

7. Ҳангоми имконнопазир будани пешниҳоди санад дар мӯҳлатҳои муқарраргардида бо сабаби аз хизматчии давлатӣ вобаста набуда, он на дертар аз рӯзи ояндаи бартараф кардани ин ҳолат пешниҳод карда мешавад.

8.Туҳфа аз ҷониби шахси масъули муҳосибот қабул карда шуда, дар китоби бақайдгирии қабули туҳфаҳо қайд карда мешавад (замимаи 2).

9. Дар ҳолате, ки арзиши туҳфа маълум нест, муҳосибот мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши онро дар асоси нархи бозорӣ, ё дар ҳолати зарурӣ бо ҷалби коршинос, муайян менамояд. Туҳфа ба шахси онро супорида баргардонида мешавад, агар арзиши умумии он дар давоми сол аз 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд набошад.

10. Туҳфае, ки арзиши умумиаш дар давоми сол аз 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд аст, дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ даромад карда мешавад.

11. Туҳфаи дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ даромадшударо барои таъмини фаъолияти мақомоти давлатӣ истифода намудан мумкин аст.

12. Дар ҳолати мақсаднок набудани истифодабарии туҳфа аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ оид ба фурӯхтани туҳфа бо тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул карда мешавад.

13. Маблағҳои аз ҳисоби фурӯхтани туҳфа ба дастомада ба ҳисоби даромади буҷети дахлдор мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд.

Замимаи 1
ба Тартиби гирифтани туҳфаҳо
аз ҷониби ишғолкунандагони
мансабҳои давлатӣ

## САНАДИ
## супоридани туҳфа

«___» __________ соли 20___ ______________________
(сана) (маҳали тартиб додани санад)

Ман,__________________________________________________________
(насаб, ном ва номи падар, мансаби ишғолнамуда, номи мақоми давлатӣ)

______________________________________________________________

ҳангоми иштирок дар ___________________________________________
(номи чорабинии протоколӣ, сафари хизматӣ ё дигар

______________________________________________________________
чорабинии расмӣ, сана ва ҷойи баргузорӣ)

_______________________________________туҳфа (туҳфаҳои) зеринро гирифтам.

| Р/т | Номгӯи туҳфа(ҳо) | Арзиш бо сомонӣ (агар муайян карда шуда бошад) | Номгӯи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи арзиши туҳфа(ҳо), дар сурати мавҷуд будан |
|---|---|---|---|
| 1. | | | |
| 2. | | | |
| 3. | | | |
| 4. | | | |

Туҳфа (туҳфаҳои)-и гирифташуда ба_______________________________
(насаб, ном ва номи падар, мансаби ишғолнамудаи

______________________________________________________________
масъули муҳосибот, номи мақоми давлатӣ)

_______________________________________________________супорида шуданд.

Супорид:____________________ __________ ____________________
(ҳарфи аввали ном ва насаб) (имзо) (таърихи рӯз)

Қабул кард:____________________ __________ ____________________
(ҳарфи аввали ном ва насаб) (имзо) (таърихи рӯз)

Замимаи 2

ба Тартиби гирифтани тухфаҳо
аз ҷониби ишғолкунандагони
мансабҳои давлатӣ

Шакли
Китоби

бақайдгирии қабули тухфаҳо

______________________________________________
(номи мақоми давлатӣ)

| № | Сана | Номгӯи тухфаҳои аз тарафи хизматчиёни давлатӣ гирифташуда | Насаб, ном, номи падар ва мансаби ишғолнамудаи шахси тухфаро супоранда | Насаб, ном, номи падар ва мансаби ишғолнамудаи шахси тухфаро қабулкарда | Маълумоти мухтасар дар бораи баргардонидани тухфа ё даромад дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ | Имзои шахси масъул |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |

21.02.19 (AXA)